«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э. С.
______________________________
«__30__» ___04___________2026 с.

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**оид ба диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №134-05 аз 16.01.2009с. ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, кори илмӣ-таҳқиқотии худро оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 «хуб» ва аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 «аъло» дар Донишгоҳи миллии Тоқикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Низамова Туҳфамо Давлатовна мебошад.

Рисолаи илмии Азизӣ М. Г. дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 28 апрели соли 2026 бо суратмаҷлиси №9 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати иқтисодиёт, ташаккул ва инкишофи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои калидии дастгирии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Инфрасохтор ҳамчун низоми мукаммал, асоси рушди иқтисодӣ, таҳкими заминаҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ хизмат мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ ҳамчун як самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф гардида, барои рушди он шароитҳои инфрасохтории нав ва муассир фароҳам оварда мешаванд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ташаккули инфрасохтори муосири соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ эътироф гардида, ба он аҳамияти махсус дода шудааст. Вобаста ба ин, рушди инфрасохтор на танҳо боиси мусоидати фаъолиятҳои соҳибкорӣ мегардад, балки заминаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро фароҳам меорад.

Зери мафҳуми инфрасохтори соҳибкорӣ низоми мукаммали ташкилотҳо, муассисаҳо ва хизматрасониҳо фаҳмида мешавад, ки барои ташкили муҳити мусоид, таъмини дастгирии давлатӣ ва рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидааст. Таҳқиқи ҳолати кунунии инфрасохтори соҳибкорӣ, арзёбии камбудиҳои он ва пешниҳоди роҳҳои такмил ин мавзӯъро мубрам мегардонанд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ инъикос ёфтаанд, мувофиқ мебошад.

## 4. Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот

Мақсади асосии таҳқиқот аз таҳия ва асосноккунии назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Ҳадафи зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- омӯзиши нақш ва аҳамияти инфрасохтори соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷии ташаккули инфрасохтори соҳибкорӣ ва омӯзиши имконияти татбиқи он дар шароити Тоҷикистон;
- арзёбии ҳолати кунунии инфрасохтори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани омилҳои монеашаванда ва мусоидаткунандаи рушди инфрасохтори соҳибкорӣ;
- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки такмили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ;
- таҳияи механизми мукаммали рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар асоси равишҳои инноватсионӣ.

## 5. Навгонии илмии таҳқиқот

1. Таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии нақши инфрасохтор дар ташаккули соҳибкорӣ ҳамчун низоми мукаммал. Навгонии аввал ба таҳияи асосҳои илмии инфрасохтори соҳибкорӣ ҳамчун низоми мукаммал равона шудааст. Бо истифода аз усулҳои системавӣ, моделҳои назариявии инфрасохтор пешниҳод шудааст, ки он на танҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳо, балки ҳамчун системаи ҳамгирой барои рушди устувори соҳибкорӣ арзёбӣ шавад. Ин равиш заминаи илмиро барои фаҳмиши нав ва ҳамаҷониба аз нақши инфрасохтор фароҳам меорад.

2. Ошкор кардани омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Дар ҷараёни таҳқиқот, омилҳои асосии мусоидаткунанда ва монеашавандаи рушди инфрасохтори соҳибкориро дар Тоҷикистон муайян шудааст. Ба сифати омилҳои манфӣ, норасоии захираҳои молиявӣ, камбуди инфрасохторҳои иттилоотӣ ва сатҳи пасти омодагии кадрҳо зикр гардидаанд. Ҳамзамон, омилҳои мусоид, ба монанди афзалияти дастгирии давлатӣ, ҳамчун қувваҳои асосии рушд пешниҳод мешаванд.

3. Таҳияи механизми самараноки таъмини рушди инфрасохтори соҳибкорӣ бо истифода аз равишҳои инноватсионӣ. Дар диссертатсия механизме таҳия шудааст, ки дар он ҳамгироии равишҳои инноватсионӣ, аз қабили рақамикунонӣ, ташкили марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорӣ ва рушди экосистемаҳои инноватсионӣ, пешниҳод мешаванд. Ин механизми ҳамоҳангшуда ба самаранокии беҳтари инфрасохтори соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад.

4. Пешниҳоди стратегияҳои татбиқи самтҳои афзалиятноки инфрасохтори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар диссертатсия стратегияи махсус барои рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки дар он ба рушди инфрасохтори логистикӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Ин стратегия имконият медиҳад, ки захираҳои маҳдуд ба самтҳои афзалиятнок равона гардида, дар ниҳоят муҳити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шавад.

## 6. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 20 кори илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

(1-М) Азизова М.Г. Некоторые проблемы инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности в Республики Таджикистан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қисми II, 2/10(152) Душанбе:, 2014 С.126-131.

(2-М) Азизова М.Г. Теоретические основы и особенности формирования предпринимательской инфраструктуры в Республике Таджикистан // Вестник Педагогического университета №1(62-1) Душанбе:, 2015 С.307-309.

(3-М) АзизоваМ.Г. Социально- экономические значение инфраструктуры предпринимательской деятельности // Наука и инновация. Серия социально – экономических и общественных наук. №2(6) Душанбе Сино. 2015.С. 64-67.

(4-М) Азизова М.Г. Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва инкишофи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024 №6 –Душанбе, - с .77-84. ISSN 2413-5151.

(5-М) Азизова М.Г., Низамова Т.Д. Таъмини рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025 №5 –Душанбе, - с .87-95. ISSN 2413-5151.

(6-М) Азизова М.Г, Валиев Н.Ш., Асрорзода А.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили ҳолат, мушкилот ва роҳҳои такмили муҳити он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2025. - № 1-3(137). – С. 570-578.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

(7-М Азизова М.Г. Пути повышения эффективности АО // Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷуён бахшида ба 17-умин солгарди Истиқлолияти ҶТ, 1150-солагии устод А. Рӯдакӣ ва бузургдошти соли забони тоҷикӣ. Душанбе-2008. С. 255-259.

(8-М) Азизова М.Г. Дастгирии давлатии соҳибкории хурд // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Сиёсати саноати ҶТ: муаммоҳо ва дурнамо(13-14 октябри соли 2008)”. Душанбе-2009.

(9-М) Азизова М.Г. Элементы государственной поддержки инфраструктуры предпринимательства в РТ // Конфронси илми – назариявии бахшида ба

«хафтаи илм». – Душанбе, 2009.

(10-М) Азизова М.Г. К вопросу о понятие инфраструктура предпринимательства // Муаммоҳои инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маводи мизи мудаввар ( 30-31 октябри соли 2012)-Душанбе:, 2014.

(11-М) Азизова М.Г. Инфраструктурное обеспечение развития предпринимательской деятельности в РТ // Материалы Республиканской научно- теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «700-летию Мир Сайида Али Хамадони», «Году семьи» и Международному десятилетию действия «Вода для жизни» 2005-2015годы. Душанбе 2015. С.168-169.

(12-М) Азизова М.Г. Развития лизинга как форма инфраструктурного обеспечения предпринимательства // Материалы Между-народной научно-практической конференции «Проблемы устойчивости социально – экономического развития глобализации» (Душанбе, 8-9 апреля 2015г.) С.24-27.

(13-М) Азизова М.Г. Инфраструктурное обеспечение инновационного предпринимательства // Материалы республиканской научно-практической конференции (10-11 ноября 2015 года) – Душанбе типография ТНУ, С. 127-129.

(14-М) Азизова М.Г. Теоретико – методологические вопросы формирования инфраструктуры промышленных предприятии РТ // Конфронси илми назариявии бахшида ба «хафтаи илм». – Душанбе, 2015.

(15-М) Азизова М.Г. Некоторые теоретические вопросы инфраструктуры предпринимательской деятельности // Конфронси кафедраи «менечмент ва маркетинг». Душанбе, 2016.

(16-М) Азизова М.Г., Шадманова М.Х. Некоторые вопросы развития пищевой промышленности РТ //Материалы Международной научно-практической конференции «Проблемы устойчивости социально – экономического развития в условиях глобализации: национальные и региональные аспекты» (Душанбе, 21-22 декабря 2016г.) С.

(17-М) Азизова М.Г., Сафарзода А.И. Экономика- правовые основы и признаки предпринимательской деятелности // Материалы Между-народной научно- практической конференции «Проблемы устойчивости социально –

экономического развития в условиях глобализации: национальные и региональные аспекты» (Душанбе, 21-22 декабря 2016г.) С. 44-48.

(16-М) Азизова М.Г. Экономическая характеристика и классификация предпринимательской инфраструктуры в Республике Таджикистан // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон» (17 феврали соли 2023) - Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – 462 с. С.296-300.

(18-М) Азизова М.Г. Инновационной обеспечение инфраструктуры предпринимательской деятельности. Барномаи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024)»

(19-М) Азизова М.Г., Низамова Т.Д. Некоторые виды обеспечения инфраструктуры предпринимательства в современных условиях. // Маводи конфронси ҷумҳриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Арзёбии саноатикунонии босуръати истеҳсолоти агросаноатии кишвар» (11-октябри соли 2024).- Душанбе, Матбааи ДМТ 2024.- (с.13-20). 474с.

(20-М) Азизова М.Г. Тавсифи хусусиятҳои ташкили инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир. // - Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодӣ дар шароити муосир».

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ пас аз муҳокимаи диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ); шунидани тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Т.Д.; баромади муқарризон – д.и.и., профессор Ҷамшедов М., н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р., н.и.и. Билолов Н.Қ., ҳамчунин баромади д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р. ва н.и.и., дотсент Каримов М.И., дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба

шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад

**қарор мекунад:**

Диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқаррааргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 13 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми апрели соли 2026, суратҷаласаи № 9 қабул шудааст.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и. — Давлатова Р.Қ.

**Котиб:**
Муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и. — Маҷидов Ф.Б.

*«Имзои Р.Қ. Давлатова ва Ф.Б. Маҷидовро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ

«29» 04 соли 2026 — Шодихонзода Э.Ш.